# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи доктории Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи доктории Абдуқодирзода Саидмукаррам ба таҳлилу баррасии масоили суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ дар хилоли асрҳои X-XV ва накши Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таҳаққуқи ин амр бахшида шудааст.

Тавре ки маълум аст, Ҳусайни Кошифӣ аз зумраи бузургмардони фарҳангу адаби асри XV маҳсуб мешавад, ки дар таърихи илму адаби форсии тоҷикӣ ҷойгоҳи шоистаеро касб кардааст. Ҳусайни Кошифӣ дар заминаи шеваҳои шинохту маърифати калом дар урфи порсию арабӣ аз худ таснифоту таълифоти пуршуморе боқӣ гузошта, ки ағлаби онҳо ба забони форсии тоҷикӣ таълиф шудаанд. Сайтараи масоилу мавзӯоте, ки дар осори Кошифӣ омада бисёр васеъу густарда аст ва яке аз шохаҳои муҳимтарини онро тафсирнависӣ ташкил медиҳад. Ин донишманди пуркор чаҳор китоби тафсир нигошта, ки машҳуртарини онҳо "Мавоҳиби Алийя", ки бештар бо номи "Тафсири Ҳусайнӣ" шинохта мешавад, ба шумор меравад. "Тафсири Ҳусайнӣ" дар миёни аҳли илму адаб, махсусан қуръонпажӯҳон, ба ҳайси яке аз беҳтарин тафсирҳои мумтоз эътироф гардидааст. Маззияти дигари ин китоб боз дар он зоҳир мешавад, ба забони форсии тоҷикӣ бар Қуръони маҷид навишта шудааст ва хосатан миёни мусулмонони аҳли суннат ва ҷамоат бисёр маъруф аст.

Маҳзи хотири ин баррасии ин мавзӯъ дар замоне, ки таҳқиқу омӯзиши китобҳои тарҷума ва тафсир, ки дар заминаи шинохти маърифати каломи раббонӣ дар адабпажӯҳии тоҷик чандон маҳсус нест, ҳоизи аҳамият аст. Гузашта аз ин шинохту таъйини накши Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тафсирнависӣ бар Қуръони карим, махсусан, таҳлили номдортарин тафсири ӯ "Мавоҳиби Алийя", ки бо номи "Тафсири Ҳусайнӣ" шуҳрат дорад, аз назари аҳаммият ва арзиши илмию адабӣ, суннату навоварӣ, ҷиҳатҳои илмию адабӣ ва вижагиҳои сабки нигориш аз ҷумлаи муҳимтарин вазифаҳои ҳалталаб дар адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб мешавад.

Навоварии диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар он зоҳир мешавад, ки дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ масоили марбут

ба зиндагинома, мероси илмию адабӣ, шахсияти эҷодӣ ва ҳувияти адабӣ, ҷаҳонбинӣ, фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV ба таври монографӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор гирифтааст. Ҳарчанд тафсирнигорӣ масъалаи нав нест, вале корномаи Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар ин замина бори аввал мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор мегирад. Махсусан таълифи Ҳусайн Воизи Кошифӣ – “Мавоҳиби Алийя”, ё худ “Тафсири Ҳусайнӣ” ба таври густурда, бо назардошти мавҷудияти нусхаҳои дастнависту чопии асар, сарчашмаҳои таълиф, арзишҳои илмию адабӣ ва вижагиҳои сабкӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Докторант дар раванди иҷрои кори диссертатсионӣ ва ҳалли масъалаҳои алоқаманд ба мавзӯъ аз таҷрибаи адабпажӯҳии муҳаққиқони адабиётшинос, шарқшинос, эроншинос ва қуръонпажӯҳони машҳури кишварҳои Тоҷикистон, Россия, Эрон, Афғонистон, ба монанди Х.Шарифов, А.Сатторов, А.Насриддинов, А.Абдусатторов, М.Нарзиқул, Ф. Насриддинов, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, З. Сафо, Ҷ.Ноинӣ, Б.Хуррамшоҳӣ, М. Х. Беҳрӯз ва дигарон истифода намудааст.

Диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам аз назари сохтор ва бандубаст дорои муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори марбути мавзӯъ буда, аз лиҳози фарогирии масъалаҳо ва сохтори илмӣ мунсаҷим аст.

Дар боби аввал ва зерфаслҳои он перомуни зиндагинома, масири камолу боландагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ҳуввиятпазирӣ , мероси илмӣ- адабӣ, фаъолияти шоирии Ҳусейн Воизи Кошифӣ сухан рафтааст.

Диссертант дар боби дувуми диссертатсия дар ниҳояти ҷиддият, муҳаққиқона перомуни суннати тафсирнигорӣ бар Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ то замони Ҳусайн Воиз сухан ронда, дар зерфаслҳои он масоили марбут ба шахсияти муфассиру заминаҳои фикрии ӯ изҳори назар менамояд. Муҳаққиқ баҷо хотирнишон месозад, ки маърифати дурусти ҳар матлаби илмӣ шинохти шахсияти муаллифи матн, ҷаҳонбинӣ ва заминаҳои фикрии онро тақозо дорад. Маҳзи хотири ин дар диссертатсия фаъолияти тафсирнигории Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба таври васеъ таҳлил гардидааст.

Дар фаслҳои баъдии боби мазкур маънои истилоҳии мафҳуми “тафсир” ва истилоҳоти наздик ба он баррасӣ шудааст. Азбаски мафҳуми “тафсир” дар фарҳангу сарчашмаҳои тафсирӣ дорои маъниҳои зиёд аст, диссертант кӯшидааст, ки бештар ба ҷанбаи адабии он такя кунад.

Барои расидан ба ин ҳадаф манобеи зиёде мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор гирифта аст. Аз ҷумла аз қавли Холиқ Мирзозода хотирнишон шуда, ки тафсир “аз ҷумлаи санъатҳои маънавиест, ки дар адабиёти

классикӣ онро таъбиру тафсир номидаанд. Дар ин санъат шоир мақсади худро ва ё предметҳоро дар мисраъ ё баёти аввал баён ва ё зикр намуда, дар мисраъ, ё ки байти дуюм онро эзоҳ медиҳад. Дар илми бадеи классикӣ намудҳои гуногуни он зикр шудааст: Лаффу нашр, сиёқат-ул-аъдод, ҷамъу тақсим. Ҳамаи инҳоро якҷоя санъати тафсир гуфтаанд...” Дар диссертатсия инчунин анвои тафсир мавриди ташреҳу баён қарор гирифта аст.

Диссертант дар боби савуми рисола талош намуда, перомуни арзишҳои илмию адабии “Тафсири Ҳусайнӣ” изҳори назар намояд.

Ба қавли мавсуф миёни нусхаҳои зиёди “Тафсири Ҳусайнӣ”, яке аз ҷолибтарин нусхаҳо, ки аз нигоҳи имлою нигориш, ороиш, ҳаҷм, комил будан ва санъати тазйин ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, нусхае мебошад, ки таҳти рақами 726 дар Ганҷинаи нусахи хаттии Китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусаейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад.

Дар ин боб ҳамчунин мавзӯи сарчашмашиносии “Тафсири Ҳусайнӣ” бо зикри асомии зиёди сарчашмаҳо, ки Ҳусейн Воизи Кошифӣ зимни таълифи тафсираш аз онҳо истифода намудааст, мавриди арзёбӣ қарор гирифта. Масъалаи дигаре, ки хело муҳаққиқона дар диссертатсия баррасӣ шудааст, ба хусусиятҳои сабки тарҷумаву тафсир иртибот мегирад. Қайд шуда, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тафсирнигорӣ тарзу тариқи вижаи худро дорад, ки сарчашмааш сабкҳои роиҷи замонаш мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври васеъ натиҷаҳои пажӯҳишҳои анҷомдодаи муҳаққиқ баён гардидаанд. Рӯйхати адабиёт ҷавобгӯйи меъёрҳои мавҷуд аст.

Автореферети диссертатсия ва мақолаҳои маншури докторант фарогири мазмуну мундариҷаи комили диссертатсияанд.

Бо назардошти муҳиммияти тахқиқ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариву амалии диссертатсия, комиссия ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи доктории Абдуқодирзода Саидмукаррам кори анҷомёфта буда, ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи доктории Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ буда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Сӯфизода Шодимуҳаммад** – доктори илмҳои филологӣ, Директори Китобхонаи маркази илмии ба номи И. Гандии Академияи илмҳои ҶТ.
2. **Насриддинов Фахриддин Абдуманонович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДХ ба номи Б. Ғафуров.
3. **Восиева Рухшона Қурбоновна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Ба ҳайси **муассисаи тақриздиҳанда** Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод мешавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани **автореферати диссертатсия** дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи **автореферати диссертатсия** бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат додан мумкин аст.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Т. Мардонӣ

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ У. Сафар

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Кучарзода